*ТДУ 9 (М) 3*
*ТКБ 63.3 (2) 723*

## *АЗ ТАЪРИХИ ТАЙЁР КАРДАНИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ ҲУҚУҚШИНОСӢ (1947-1955)*

***Норов Исматулло Саъдибоевич**, аспиранти кафедраи таърихи ватан ва археологияи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ИЗ ИСТОРИИ ПОДГОТОВКИ КАДРОВ В СФЕРЕ ПРАВОВЕДЕНИЯ ( В 1947-1955 Г)*

***Норов Исматулло Садибоевич,** аспирант кафедры отечественной истории ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова(Таджикистан, Худжанд)*

## *FROM THE HISTORY OF HUMAN-RESOURCES TRAINING IN THE FIELD OF LAW (in 1947-1955)*

***Norov Ismatullo Sadiboyevich,** post-graduate student of home history department under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan,Khujand),*
***E- mail:** ismatullo.norov.1995 @mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқ, қонун, қонунгузорӣ, донишгоҳ, факултаи ҳуқуқшиносӣ*

*Дар мақола масъалаи тайёр кардани мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар ҶШС Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки дар самти тайёр кардани мутахассисони ин соҳа нақши таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ва факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳи мазкур хеле назаррас мебошад. Дар мақола оид ба фаъолияти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун ниҳоди муҳими таълим, тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи илми ҳуқуқ маълумот баррасӣ мешавад. Зикр мегардад, ки дар ин давра олимони ҳуқуқшинос ба пажӯҳиши самтҳои гуногуни илми ҳуқуқ машғул гардида рисолаву таҳқиқотҳои худро интишор намуданд. Ҳамчунин доир ба ҳамкорӣ ва кӯмаки донишгоҳҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ дар Тоҷикистон маълумот оварда мешавад.*

***Ключевые слова**: правоведение, право, закон, законодательство, университет, юридический факультет*

*В статье рассматривается проблема подготовки кадров в сфере правоведения в Таджикской ССР. Подчеркивается, что в деле подготовки кадров в этой области большую роль сиграл ТГУ имени В.И.Ленина и юридический факультет, созданный в структуре названного университета. В статье анализируется деятельность кафедры теории государства и права как основной ячейки учебного, воспитательного научного процесса и подготовки кадров. Автор изучает деятельность учёных-правоведов, которые исследовали различные области юридической науки. Даются сведения о сотрудничестве и помощи вузов союзных республик в деле подготовки юридических кадров в Таджикистане.*

***Key words:** jurisprudence, rights, law, legislation, university, juridical faculty*

*The article dwells on the issue concerned with training human resources in the field of jurisprudence referring to the Tajik SSR. The author lays an emphasis upon the idea that while establishment of the TSU named after Lenin and the faculty of law created in the structure of the mentioned university occupied an important role in human resources training in the relevant area. The author of the article analyzes the activity of the department of theory of state and law as the main framework of the vocational, educational scientific process and human resources training. The author canvasses legal scholars activity who have studied various areas of legal science, on the whole. The author adduces information beset with cooperation and assistance of universities of the union republics in legal human resources training in Tajikistan.*

Илми ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон таърихи бою рангин дорад. Ташаккулу рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар натиҷаи пешравии илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон новобаста аз тадқиқотҳои ҳуқуқӣ пайдо шудааст. Илми ҳуқуқшиносӣ дар гузашта, имрӯз ва ҳам дар оянда дар пешрафту ташаккулёбии қонунгузории Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми босазо мегузорад. Илми ҳуқуқшиносӣ дар коркарди принсипҳо ва меъёрҳои қонунгузории шӯравӣ, мустаҳкамкунии ҳуқуқи сотсиалистӣ,

қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ нақши бориз гузоштааст. Маҳз дар даврони шуравӣ илми ҳуқуқ вобаста ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба соҳаҳои мухталиф ҷудо карда шуда, қонунгузории кишвар кодификатсия карда шуд, ки заминаи он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ гузошта шуд.

Доир ба тайёр ва омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ дар Тоҷикистон як қатор муҳаққиқон дар асарҳои худ маълумот додаанд, аз ҷумла С. Раҷабов, З. Раҷабов, Д. Ҷалилов, Ю. Қурбонов ва дигарон. Яке аз поягузорони авалини илмҳои академӣ дар ИҶШС, академики Академияи илмҳои ИҶШС М. В. Келдиш қайд карда буд, ки "Принсипи ташкилоти илмии давлатӣ, ки дар аввал дар Русияи шӯравӣ амал мекард, баъд дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва ҷомеаи онҳоро фаро гирифт [5,с.12]. Бояд тазаккур дод, ки дар байни илмҳои ҷомеашиносӣ барои рушду пешравии илму техника, илми ҳуқуқ нақши ҳалкунанда ва муҳаррики пешбарандаро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, дар ҶШС Тоҷикистон низ ба масъалаи тайёр кардани мутахассисони ин соҳа аҳамияти махсус зоҳир карда мешуд.

Дар ҳама давраҳои рушди худ илми ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон, дар асоси назария ва методологияи марксистиву ленинӣ асос ёфта буд, ки ин назария дар замони муосир низ аҳамияти худро гум накардааст. Ҳамчунин маълум аст, ки то Инқилоби бузурги Октябр таълимоти илми ҳуқуқ дар Тоҷикистон бештар ба омӯзиши динӣ шабоҳат дошт, ки барои омӯхтани ҳуқуқ ва донистани он ба қонунҳои шариати ислом бештар такя менамуданд. Ба шароити замони сохти феодалӣ нигоҳ накарда, дар он замон ҳуқуқи мусулмонӣ – шариат ҷамъиятро идора мекард, олимони машҳури гузашта, шоирони халқи тоҷик донишҳои энсклопедиро соҳиб буданд. Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абурайҳон Берунӣ, Носири Хисрав, Муҳаммад Ғаззолӣ, Умари Хайём, Шамсуддин Муҳаммади Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Насриддини Тусӣ, Убайди Зоконӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил ва Аҳмади Дониш саҳми худро дар пешрафти таърихи илм ва фарҳанг, ҳамчунин дар пешрафти илми ҳуқуқ, ки аз рӯи қонунҳои шариат асос ёфта буд, гузоштаанд. Давраи ба таври расмӣ ҷорӣ шудани илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон дар асоси нақша давраи дуру дарози методологияи илмии банақшагирӣ ва гузаронидани тадқиқотҳо оид ба барқароршавии давлати мо дар заминаи таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ва факултети ҳуқуқшиносӣ ба амал омадааст. Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе), дар асоси Қарори Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ аз 21-уми марти соли 1947 таъсис дода шуд. Барои таъсисдиҳии ДДТ КМ ҲК (б)-и Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони ИҶШС ва Вазорати олии маорифи ИҶШС бо пешниҳоди худ саҳми сазовор гузоштанд.Таърихи ташкилёбии ДДТ ба номи В.И.Ленин ва фаъолияти он пурра дар асарҳои илмии З. Ш. Раҷабов, С.А. Раҷабов ва дигар олимон инъикос шудааст, ки таҳлили он аз мақсад ва доираи мақолаи мазкур берун аст[5,с.9].Соли аввали таҳсил (1948 – 1949) дар донишгоҳ факултетҳои геология, биология ва таъриху забонишиносӣ (филология) ҳамагӣ се факултет кушода шуда буд. Бояд зикр намуд, ки таъсиси факултети ҳуқуқшиносӣ дар асоси қарори шӯрои Вазирони ИҶШС дар бораи таъсисёбии ДДТ ба номи В.И.Ленин дар Сталинобод дар ҳайси 4 факултет физика – математика бо (шӯъбаи химия), хокшиносӣ – геологӣ – географӣ, биология ва таъриху забоншиносӣ бо шӯъбаи забонҳои шарқ пешниҳод гардида буд. Нақши муҳимро дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ дар Сталинобод Институти ғоибонаи ҳарбии ҳуқуқшиносӣ (ВЮЗИ), мебозид. Ҳангоми таъсисёбии ДДТ ба номи В.И.Ленин ҳайати профессорон ва омӯзгорон 30 нафарро ташкил медод. Дар ҳисоботи ДДТ дар солҳои 1948 – 1949 нишон дода шуда буд:, ки "Дар замон дар донишгоҳ 36 муаллим, аз онҳо 17 нафар корманди доимӣ(штатӣ), 19 нафар муштараквазифаанд..." фаъолият доштанд [1,с.6].

Дар ДДТ 2 профессор, 1 доктори илм, 8 дотсент, 4 номзади илм фаъолият мебурданд.

Корҳои илмию тадқиқотӣ дар ДДТ соли 1949 дар соҳаи давлат ва ҳуқуқ ба назар гирифта нашуда буд. Қисман дар нақшаи роҳбари асосии донишгоҳҳо мувофиқи қарори МВО (Вазорати умумииттифоқии маориф) - и ИҶШС аз 29-юми марти соли 1949, ки аз 15 мавзӯъ иборат буд, соҳаи ҳуқуқшиносӣ ворид нагашта буд. Барои ин лоиҳа 63800 рубл маблағгузорӣ шуда буд, ки ягон мавзӯи ҳуқуқӣ надошт.Барои таъсис донишгоҳи ҷавон дар солҳои аввали фаъолият дигар мактабҳои олӣ, инчунин барои ташкил ва пешрафти факултети ҳуқуқшиносӣ марказҳои илмию тадқиқотӣ ёрии амалии худро мерасониданд. Аз он ҷумла, Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ ба ДДТ як қатор китоби илмию методиро ҳамчун тӯҳфа фиристода буд. Китобхонаи калони корҳои илмии Донишгоҳи давлатии Қазон ба номи В.И.Ленин ва

факултети ҳуқуқшиносие, ки худи В.И. Ленин дар он таҳсил кардааст, ба ДДТ китобҳои зиёд ва дастхатҳои нодир тӯҳфа кард. Факултети ҳуқуқшиносӣ дар ДДТ соли 1949 дар соли дуюми фаъолияти донишгоҳ кушода шуд [8,с.11].Дар факултети ҳуқуқшиносии ДДТ кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ба фаъолият оғоз кард, ки корҳои таълимӣ ва илмиро аъзои кафедраи мазкур ба иҷро мерасониданд. Умуман аз рӯи маълумоти мавзӯӣ факултети ҳуқуқшиносӣ аз 3 нафар аъзо иборат буданд, ки танҳо як нафарашон унвони илмӣ дошт. Соли 1951 вазъи кадрҳои соҳибунвон дар ҳайати профессорону номзадҳои илм ва омӯзгорон дар ДДТ амалан хуб шуд, ки онҳо 62 нафарро ташкил медоданд [7,с.16]., ва дар қатори онҳо устодони илми ҳуқуқ низ шомил буданд.Аз рӯи натиҷабардории фаъолияти соли таҳсили 1950-1951 кафедраи ягонаи назарияи давлат ва ҳуқуқ аз ҷиҳати мусбат баҳогузорӣ гардидааст. Маълум гардид, ки кафедра бо кормандон пурра таъмин гашта, 18 ҷаласа гузаронида шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои ба илми ҳуқуқшиносӣ марбут, аз қабили нақшаҳои илмӣ, саволҳои методӣ, нақшаҳо, ки ба илми ҳуқуқ дахл доштанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки ба кормандони Вазорати адлия, аъзоёни кафедра аз рӯи нақша ёрӣ мерасонанд, вале дар бораи корҳои илмие дар кафедра сурат мегиранд, умуман маълумоте оварда нашудааст.Дар байни 20 мавзӯи дар нақшаи кории илмӣ-тадқиқотии донишгоҳ, ки дар соли 1951 аз тарафи роҳбарияти маорифи ИҶШС тасдиқ шуда буд, ягон мавзӯъ оид ба илми ҳуқуқшиносӣ оварда нашудааст. Зоҳиран кафедра нақшаи худро пешниҳод накардааст ва ё ба нақшаи умумидонишгоҳӣ ворид карда нашудааст.

Дар нақшаи корҳои илмию тадқиқотии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ барои баланд бардоштани унвони кафедра дар солҳои 1950-51 се банди асосӣ вуҷуд дошт, ки дутои он бо навиштани рисолаҳои илмӣ ва яктои дигараш бошад, барои супоридани рисолаи номзадӣ (нақшаҳои махсус), ки аз ҷониби И.С. Волберг омода шуда буд пешбинӣ гардидааст [3,с.91].

Дар солҳои аввали фаъолияти худ ДДТ на он қадар сарбории калони таълимӣ дошт, зеро шумораи устодон ва донишҷӯён хеле кам буд. Соли 1952 ДДТ-ро гурӯҳи кории махсуси Вазорати маорифи олии ИҶШС- тафтиш намуд. Дар шӯрои олимони ДДТ 6- уми - январи соли 1953 қайд гардид, ки мувофиқи тафтишоти ВОМ корҳои илмию тадқиқотӣ дар сатҳи паст қарор доранд. Муайян гардид, ки муаллимони тоҷик ҳамагӣ 7 нафар ё 20 % устодони донишгоҳро ташкил медоданд, ки ин хеле нишондиҳандаи паст буда, ҷомеаи олимони ҳуқуқшиноси тоҷикро ба ташвиш меандохт [2,с.5]. Дар кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ ба масъалаи аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ зиёд кардани сафи устодони кафедра аҳамияти махсус дода мешудааст. Лекин дар назди коркунони кафедра як қатор мушкилии техникӣ ба назар мерасиданд. Ба ин мушкилӣ нигоҳ накарда, кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДТ бо кормандони нав таъмин шуда, сафи кормандон зиёд гардид. Дар солҳои 1953-54 бошад дар кафедра 11 нафар кормандони штатӣ як нафар муштараквазифа кор мекарданд, ки аз байни онҳо 2 нафар дотсент, 4 нафар номзади илм, 1 нафар сармуаллим ва 4-нафари дигарро муаллимон ташкил медоданд. Аз 8- уми сентябри соли 1953 дар ДДТ дар факултети ҳуқуқшиносӣ шӯъбаи ғоибона фаъолияти худро оғоз намуда буд. Дар як вақт корҳои илмиву тадқиқотӣ дар факултет густариш меёбд. Дар нақшаи илмӣ-тадқиқотии соли хониши 1953 - 1954 умуман 30 мавзӯъ мавҷуд буд, ки аз онҳо 2 тояш ба илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда буд:

1. Тақсимоти миллию ҳудудӣ ва таъсисёбии ҶШСТ.
2. Иҷроиши шартномаи расонидани маҳсулот аз рӯи шумора ҳамчун яке аз шаклҳои ҳуқуқии мубориза барои расонидани ҳаҷми маҳсулот.

Масъалаи якум ба асосҳои назариявии камбудиҳо, надоштани ҳуқуқу уҳдадориҳо барои талоши миллии мамлакат дар Тоҷикистон ба назар гирифта шуда бошад, масъалаи дигар ба эътибор гирифтани нақшаҳои ҳуқуқии панҷсолаҳои кишвар инчунин ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, баланд бароштани шаклҳои ҳуқуқӣ зиёд намудани таъсири он маҳсуб меёфт.

Ҳамчунини дар нақшаи кории кафедра боз се кори илмӣ дохил карда шуда буд, ки онҳо ба мавзӯҳои мубрам бахшида шуда буданд, аз ҷумла:

1. Таъсири эҷодии ҳуқуқи шӯравӣ дар ташкил ва рушди хоҷагидории сотсиалистӣ
2. Иҷрои ҳукми суд
3. Иҷрои шартномаи хизматрасонӣ аз рӯи шумора

Давра ба давра дар ДДТ мунтазм конференсияҳои илмӣ баргузор гардида, ки дар онҳо олимону муҳаққиқон ва устодони ҳуқуқшинос фаъолона иштирок мекарданд. Масалан, соли 1953 конфренсияи чоруми олимону устодони донишгоҳ баргузор шуд, ки дар он 6 маърӯза оид ба илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ шуда буд.Корҳои илмию тадқиқотӣ дар самти илми ҳуқуқ дар

ҷумҳурӣ асосан аз соли 1954 оғоз ёфта буд. Ин аз он далолат медиҳад, ки дар пешбурди корҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ дар ин давра маҳдудият надошт ва он бевосита мавриди омӯзиши муҳаққиқон қарор мегирифт. Соли 1954 В. Г. Мелкумов маҷмӯаи корҳои илмӣ вобаста ба илми ҳуқуқро ба нашр расонд.Дар ин давра устодони кафедра бо ҳимояи рисолаҳои номзадӣ, ба гирифтани дараҷаҳои илмӣ ва педагогиро соҳиб гардиданд. Роҳбари факултети ҳуқуқшиносӣ В.Р. Гранберг буд ва факултет дар ин давра ду кафедра дошт: кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ, кафедараи ҳуқуқи ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ.Дар соли хониши 1954 – 1955 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 202 нафар донишҷӯ таҳсил мекард. Нақшаи корҳои илмию тадқиқотии ДДТ барои соли 1954 аз 53 мавзӯъ иборат буд, ки аз он сетояш ба факултети ҳуқуқшиносӣ тааллуқ дошт. Дар воқеъ нақшаи корҳои илмию тадқиқотии кафедраҳои ҳуқуқшиносии ДДТ мавзӯҳои мубрами замон ба ҳисоб мерафтанд ва онҳо то ҳол мавриди омӯзиш қарор нагирифта буданд. Рисолаи Л. С. Явич "Ҳокимияти халқӣ – давлатӣ" ном дошт, ки дар он тамоми паҳлӯҳои масъала мавриди омӯзиши ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифта буд. Бояд қайд кард, ки худи муаллиф фишурдаи кори тадқиқотиашро худи ҳамон сол ба нашр расонд. Дар он оид ба муҳимтарин бахши барқарорсозӣ ва ташаккули ҷамъияти муосир сухан ронда хусусиятҳои синфии ин ё он фаҳмишҳои ҳуқуқии таҳқиқнашударо муайян намуда буд.

Ҳамин тариқ, таъсисёбии ДДТ ва факултети ҳуқуқшиносӣ дар ҳайати он барои рушди илмҳои ҷомеашиносӣ ва дақиқ, аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ таккони ҷиддӣ бахшид.

**ПАЙНАВИШТ:**

1.Джалилов, Д. Подготовка юридических кадров и развитие правовой науки в Таджикистане//Актуальные вопросы теорий и истории права и применения советского законодательства/Д.Джалилов.- Душанбе: Изд-во Таджикского ун-та, 1975. - С. 3-10
2. Джалилов, Д. Подготовка юридических кадров и развитие правовой науки в Таджикистане/Д.Джалилов//Актуальные вопросы теорий и истории права и применения советского законодательства.- Душанбе: Изд-во Таджикского ун-та, 1975. - С. 5
3. Курбанов, Ю. А. Совершенствование подготовки, повышение квалификации юридических кадров//Развитие государственности и законодательства в Таджикской ССР/ Ю. А.Курбанов. —Душанбе: Дониш, 1984. - С. 86—92;
4. Раджабов, А. Развитие юридической науки в Таджикской ССР//Советское государство и право.-1985.-№ 3.
5.Раджабов, С. А. О некоторых аспектах подготовки юридических кадров.//Конституционное развитие Таджикской ССР. Вып. 1. (Сборник статей)/С.А.Раджабов, Ю.А. Курбанов. - Душанбе: Изд-во Таджикского ун-та, 1980. - С. 98—106:
6. Раджабов, С. А. Юридическая наука в Таджикистане от съезда к съезду//Изв. АН Тадж. ССР, Отд. обществ, наук.1-985.- № 3.
7.Раджабов, С. А. XXVI съезд КПСС и развитие юридической науки. — В кн.: Повышение эффективности законодатедьства в свете решений XXVI, съезда – КПСС/С.А.Раджабов, М.И.Клеандров.-Душанбе: Дониш, 1984.- С. 14-27
8. Сборник статьей Вып. 2 - Душанбе: Изд-во Таджикского ун-та, 1978.- С. 3-17

**REFERENCES:**

1. Jalilov, D. Legal Human Resource Training and Legal science Development in Tajikistan. - In the book: Topical Issues Beset with Theories and History of Law and Soviet Legislation Application / D. Jalilov. - Dushanbe: The Tajik University Publishing-House, 1975, - P. 3 – 10.
2. Jalilov, D. Legal Human Resource Training and Legal science Development in Tajikistan. - P. 5.
3. Kurbanov, Yu. A. Improvement of Training, Professional Qualification of Legal Human Resources. - In the book: Development of Statehood and Legislation in the Tajik SSR. - Dushanbe: Knowledge, 1984. - P. 86 – 92.
4. Rajabov, A. Legal Science Development in the Tajik SSR. - Soviet State and Law, 1985, # 3.
5.Radzhabov, S.A., Kurbanov Yu.A. On some Aspects of Legal Human Resources Training. - In the book: Constitutional Development of the Tajik SSR. Issue 1. (Collection of articles) - Dushanbe: of The Tajik University Publishing-House, 1980. - P. 98 – 106.
6. Radjabov, S.A., Kleandrov M.I. Legal Science in Tajikistan from Congress to Congress. Edition of the Tajik SSR AS. Department of Social Sciences, 1985, no. 3.
7.Radjabov, S.A., Kleandrov M.I. The XXVI-th Congress of the CPSU and Legal Science Development. - In the book: Increasing the Efficiency of Legislation in the Light of Decisions of the XXVI-th Congress - the CPSU. - Dushanbe: Knowledge, 1984. - P. 14 – 27.
8. Collection of Articles. – Issue 2 - Dushanbe: The Tajik University Publishing-House,1978.-P.3–17.